«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори илми таърих, профессор Ибодуллозода А.И.

________________

«_13_» _03_ соли 2023

## ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Диссертатсияи Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна «Таҳлили лингвистии ҳайати лексикии «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и С. Айнӣ» дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба анҷом расонида шудааст.

Зоитова М. соли 2012 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистонро бо ихтисоси «Забон ва адабиёти тоҷик» хатм намуда, фаъолияти меҳнатии худро ҳамчун омӯзгори кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ шуруъ намудааст. Солҳои 2018-2021 унвонҷӯйи кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ буд.

Роҳбари илмӣ – Раҳматуллозода С. Р. доктори илми филология, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар натиҷаи муҳокимаи таҳқиқоти диссертатсионӣ хулосаи зерин бароварда шуд:

Диссертатсияи номзадии унвонҷӯйи кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Зоитова М. ба яке аз масъалаҳои мубрами илмӣ таҳти унвони «Таҳлили лингвистии ҳайати лексикии «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и С. Айнӣ бахшида шудааст.

Таъкид мегардад, ки таркиби луғавии луғатномаи мазкур аз ҳар нигоҳ ниёз ба баррасии илмӣ дорад. Ин луғатнома аз нигоҳи таркиби луғавӣ ва хусусиятҳои грамматикӣ ҷолиб буда, дар он муаллиф устод С. Айнӣ ба гирд омадани калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ ҷиҳати оммавӣ шудани онҳо ва дар ин замина мукаммал гардидани таркиби луғавии забони адабӣ аҳаммияти фавқулода муҳим додааст, ки ин ҳолат аз назари муҳаққиқ М. Зоитова дур намонда, ба баррасии илмии онҳо таваҷҷуҳи хос зоҳир намудааст. Дар баробари калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ воҳидҳои луғавии иқтибосии арабӣ,

туркӣ-муғулӣ ва дигар забонҳо дар луғатнома ҷойгоҳи махсус доранд, ки ин масъала ҳам дар диссертатсия ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Хусусиятҳои грамматикии луғатнома, махсусан, қолибҳои калимасозии луғатнома роҳи таърихии вожасозии суннатии забонро баръало нишон медиҳад ва инро аз таҳқиқоти диссертант мушоҳида кардан мумкин аст. Бо ин ҳол метавон гуфт, ки диссертант М.М. Зоитова таҳқиқоти хешро дар асоси маводи фаровони «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и С. Айнӣ анҷом додааст.

Унвонҷӯ дар диссертатсия аз осори илмии муҳаққиқони ватанию хориҷии марбут ба масъалаҳои диалектизмҳо, иқтибосшавии вожаҳо сухан намуда, сабабҳои воридшавии иқтибосот ва моҳияту таъсири он ба забони тоҷикиро нишон додааст. Ҳамчунин, оид ба сохтори калимаҳои тафсиршудаи луғатномаи устод Садриддин Айнӣ ва вобаста ба роҳҳои калимасозӣ сухан намуда, қолибҳои калимаҳои сохтаю мураккабро нишон дода ба гурӯҳҳо тасниф намудааст. Пас аз таҳлилу баррасии ҳамаҷониба муҳаққиқ ба хулосае омадааст, ки дар ташаккули таркиби луғавии забон воситаҳои асосӣ асосан калимасозӣ, тағйирёбии семантикаи вожаҳо ва иқтибосшавӣ нақши муҳим доранд.

**Мақсад ва вазифаҳои асосии тадқиқ.** Мақсади асосии таҳқиқ баррасии лингвистии таркиби луғавии «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и С. Айнӣ ба шумор меравад. Дар доираи як таҳқиқот нишон додани тамоми ҷанбаҳои забоншиносии ин луғатнома аз имкон берун аст. Аз ин рӯ, назди худ мақсад гузоштааст, ки зимни баррасии таркиби луғавии асар ба қабатҳои гуногуни калимаҳои халқӣ-гутугӯйӣ ва иқтибосии он, ки тибқи иттилои устод Айнӣ дарсади зиёди луғатномаро фаро гирифтаанд, такя намояд. Ҳамчунин, яке аз ҳадафҳои асосии кори диссертатсионӣ нишон додани роҳҳои калимасозии луғатнома буда, сохтори вожаҳои сохта ва мураккаби луғатномаро фаро мегирад. Ин аҳдоф ҳалли вазифаҳои зеринро талаб менамояд.

1) Гирдоварӣ ва табақабандии калимаҳои халқӣ-гуфгӯйӣ ва иқтибосии дар «Луғатнома» тафсиршуда ва калимаҳои сохтаю мураккаби асар;

2) Баррасии масоили назариявӣ, моҳият ва мазмуни диалектизмҳо дар забон ва нишон додани ҷойгоҳи онҳо дар «Луғатнома»-и устод С. Айнӣ:

а) Таҳқиқи калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйии «Луғатнома» аз рӯйи мансубияти соҳавии онҳо;

б) Нишон додани хусусиятҳои луғавию семантикии калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйии «Луғатнома».

3) Таҳқиқи масоили назариявӣ иқтибосшавӣ дар забон ва баррасии калимаҳои иқтибосии дар «Луғатнома» тафсиршуда:

а) нишон додани ҷойгоҳи калимаҳои иқтибосии арабӣ дар асар;

б) муайян сохтани ҷойгоҳи калимаҳои иқтибосии туркӣ-муғулӣ дар асар.

4) Баррасии илмии калимаҳои сохтаю мураккаб дар «Луғатнома»:

а) Таҳқиқи вандҳои калимасоз дар асар;

б) Муайян сохтани ҷойгоҳи калимаҳои мураккаби пайвасту тобеъ дар асар;

**Нововарии илмии диссертатсия.** Навгонии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки то имрӯз перумони хусусиятҳои лингвистии «Луғатнома»-и устод С. Айнӣ кори диссертатсионии алоҳида нашудааст. Дар диссертатсия бори аввал аст, ки ба масъалаи баррасии калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ, калимаҳои иқтибосӣ ва сохтори вожаҳои тафсиршудаи луғатномаи мазкур таваҷҷуҳ зоҳир гардида, хусусиятҳои луғавию семантикӣ ва сохтории моддаҳои луғавии асари мазкур мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки баррасии лингвистии «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ аҳаммияти муайяни назариявӣ дорад. Ин асари мондагор аз замони мавҷудияти худ то имрӯз барои равнақи забони тоҷикӣ хизмат карда истодааст ва муайян кардани ҷойгоҳи илмии ин асар аз нигоҳи забоншиносӣ ва, махсусан, дар заминаи маводи муътамади он муайян сохтани хусусиятҳои луғавию семантикии калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ, вомвожаҳои гуногун аз забонҳои дигар ва сохтори калимаҳои тафсиршуда аҳаммияти назариявии ин диссертатсияро нишон медиҳад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқ** дар он аст, ки онро метавон дар донишгоҳҳои олии кишвар, донишкадаҳо, коллеҷу литсейҳо ба ҳайси воситаи таълимии фанҳои забон истифода намуд. Махсусан, бобҳои алоҳидаи диссертатсия барои хондани лексия ва дарсҳои амалӣ аз фанҳои лексикология, лексикография, лаҳҷашиносӣ, морфология, таърихи забон ва ғайра мувофиқ мебошанд. Ҳамчунин, забони осори устод Айнӣ дар такмили забондонии донишҷӯёну магистрант ва муҳаққиқони ҷавон мусоидат хоҳад кард.

Бобҳои диссертатсия мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузоштаашуда тарҳрезӣ шуда, таҳлилу баррасиҳо дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад. Хулосаҳои диссертант илмӣ буда, ба талаботи навиштани диссертатсияҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи мазкур, бешубҳа, кори илмии мукаммал ва анҷомёфта буда, аз рӯйи мақсад ва муҳтаво ба ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ мувофиқ аст.

Кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертатсияи Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовнаро кори илмии баанҷомрасидаи мукаммалу мубрам меҳисобад. Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯ аст. Фишурдаи диссертатсия ва 8 мақолаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Аз шумори мақолаҳои чопшудаи диссертант 4-тои он дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидаанд:

**[1-М]**. Зоитова М.М. Таҳқиқи вожаҳои марбут ба набовтот дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони тоҷик»-и Садридддин Айнӣ [Матн] / М.М. Зоитова // Суханшиносӣ. Маҷаллаи илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакӣ Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2018. № 3. - С.133-141.

**[2-М]**. Зоитова М.М. Калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони тоҷик»-и Садридддин Айнӣ [Матн] / М.М. Зоитова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. - Душанбе, 2020. № 1 (84). - С.25-29.

**[3-М]**. Зоитова М.М. Нақши морфемаи -ӣ дар калимасозӣ (дар асоси маводи «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ) [Матн] / М.М. Зоитова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. - Душанбе, 2021. № 1 (90). - С.77-82.

**[4-М]**. Зоитова М.М. Сохтори морфологии калимаҳои мураккаб дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ [Матн] / М.М. Зоитова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. - Душанбе, 2021. № 2 (91). - С.70-75.

**II. Таълифоти муаллиф, дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

**[5-М]**. Зоитова М.М. Баррасии як қабати луғавӣ дар дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони тоҷик»-и Садридддин Айнӣ [Матн] / М.М. Зоитова // Маҷмуаи мақолаҳои маводи конференсияи байналмилалии «Устод Садриддин Айнӣ поягузори адабиёти реалистии халқҳои Осиёи Марказӣ»). - Душанбе 16-17 апрели соли 2018. - С.322-327.

**[6-М]**. Зоитова М.М. Таҳқиқи истилоҳоти илмии шевашиносӣ дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони тоҷик»-и Садридддин Айнӣ [Матн] / М.М. Зоитова // Забон рукни тооат / Маҷмуаи мақолоти маводи конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Шевашиносии тоҷик: масоил ва рушди он»). - Душанбе, 2020. - С.173-179.

**[7-ҲМ]**. Раҳматуллозода С.Р., Зоитова М.М. Диалектизмҳои марбут ба ҳайвонот ва паррандагон дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони

тоҷик»-и Садриддин Айнӣ [Матн] / С.Р. Раҳматуллозода, М.М. Зоитова // Вопросы гуманитарных наук. Национальная академия наук Таджикистана. Институт гуманитарных наук имени Академика Баходура Искандара. – 2020. № 1. - С.9-16.

**[8-М]**. Зоитова М.М. Қолибҳои шакли мукассари калимаҳои арабӣ дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони тоҷик»-и Садриддин Айнӣ [Матн] / М.М. Зоитова // Истиқлоли давлатӣ ва рушди забони модарӣ (Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, бахшида ба Рӯзи байналмилалии забони модарӣ), ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 21-уми феврали соли 2022. - С.91-98.

Бинобар ин, кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ диссертатсияи Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовнаро барои дифоъ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ тавсия менамояд.

Иштирок доштанд: 16 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 16 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Қарори № 8 аз 6.03.2023

Мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, н.и.ф., дотсент — Қурбонов Маҷид

Котиби илмии кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, н.и.ф., дотсент — Холназаров Руҳулло

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
E-mail: info@tgpu.tj www.tgpu.tj

Имзои Қурбонов Маҷид ва Холназаров Руҳуллоро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Мустафозода Абдукарим